**“Тасдиқ мекунам”**
**Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”,**
**профессор Давлатзода С.Х.**
**_______________**
**11 ____________ 2022 с.**

# Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Равшан аст, ки марҳилаи нави рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар баробари омил ба пешрафтҳои дигари ҳаёти хоҷагии халқи мамлакат ба рушди адабиёти миллӣ низ таъсири матлуб гузошт. Дар навбати аввал адабиёти муосири тоҷик аз таъсири мафкураи сиёсии замони Шӯравӣ ва маҳдудаи фикрӣ раҳоӣ ёфта, истиқлоли комил пайдо намуд. Дар шеър бар асоси густариши робитаҳои нави адабӣ тамоюлҳои нав зуҳур намуда, адабиёти тоҷик марҳилаи комилан дигаргунаи рушди хешро оғоз намуд. Дар баробари пайгирӣ аз ҷараёнҳои муосири шеърии ҷаҳон нодиртарин суннатҳои адабиёти классикии тоҷик бо ваҷҳи аҳсан дар қолиби анвои мухталифи шеъри муосир давом намуда, бо омезиш ба падидаҳои нави адабӣ дар ташаккули шеъри имрӯзи тоҷик нақши муассир гузоштанд. Ҳамин тавр, дар муқоиса ба шеъри аҳди Шӯравии тоҷик ҷанбаҳои тасвирӣ, сувари хаёл, муҳокотофаринӣ, бозтоби суннатҳои нодири куҳан, фарҳанги мардумӣ, асотир ва достонвораҳои қадимӣ дар шеър нуфуз намуда, ҷанбаҳои фикрӣ, бадеӣ ва ҳунарии он

тақвият ёфтаанд. Яке аз падидаҳои ҳунарие, ки дар шеъри муосири тоҷик бар асари идомаи суннатҳои нодири шеъри классикии тоҷик нуфуз касб кард, тасвирҳои парадоксӣ мебошад. Ҳарчанд роҷеъ ба ин мавзуъ мақолаҳои ҷудогонае аз ҷониби муҳаққиқони алоҳидаи тоҷик ба қалам омадаанд, аммо то кунун як пажӯҳиши мустақил дар муносибат ба шеъри муосири тоҷик рӯи кор наомадааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Ризобоева Наргис Маҳмадкаримовна дар мавзуи "Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлол)" аз ҷумлаи аввалин пажӯҳишҳое ба шумор меравад, ки ба таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи парадокс дар шеъри муосири тоҷик, хоса давраи истиқлол бахшида шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, 7 фасл, се зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, дар умум 160 саҳифаи чопи компютериро ба вуҷуд овардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммият ва мубрамият, дараҷаи омӯхта шудан, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ, равишҳо ва методологияи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, сарчашмашиносӣ ва дигар падидаҳои муҳимми вобаста ба шеваи нигориш, мутобиқати он ба рамзи ихтисоси ҳимояшаванда, нуктаҳои меҳварӣ барои пешниҳод ба ҳимоя муқаррар ва ба таври дақиқ баррасӣ шудаанд.

Боби аввали рисола **"Вижагӣ ва равандҳои асосии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлол"** унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб диссертант нахуст ба масъалаҳои куллии шеъри муосири тоҷик, заминаҳои таҳаввулот дар қаламрави шеър ва омилҳои ба он таъсиргузор руҷуъ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои шеъри имрӯзи кишвари моро дар дарозои бештар аз сӣ соли даврони истиқлол дар чаҳор нукта муқарррар намудааст:

1. Бозтоби барҷастаи афкори миллӣ, таърих ва худогоҳии миллӣ дар шеър, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми мавзуии он дар замони нав гардид.

2. Ошноии бештар бо шеъри ҷаҳонӣ ва вуруди анвои шеъри нав дар қаламрави шеъри муосири тоҷик, аз ҷумла шеъри сапед, мудерн ва амсоли ин.

3. Идомаи суннатҳои хоси шеъри классикӣ ва нуфузи падидаҳои ҳунарии шеъри гузашта дар анвои суннатӣ ва нави шеъри имрӯз, ки яке аз онҳо парадокс ва ҳиссомезӣ мебошад.

4. Бо гузашти бештар аз сӣ сол шеъри муосири тоҷик дорои махсусиятҳои муайяне гардид, ки имрӯз бо итминон вобаста ба ҳамон вижагиҳо метавонем истилоҳи "шеъри замони истиқлол"-ро дар муносибат ба он ба кор бигирем (Диссертатсия, саҳ. 14-15).

Баъдан баррасиҳои хешро дар бораи мафҳумҳое чун "адабиёти даврони истиқлол", "адабиёти замони истиқлол" идома дода, бозтоби воқеиятҳои давраи мазкур дар адабиётро ба унвони яке аз омилҳои муассири роиҷ шудани ин мафоҳим муқаррар сохтааст. Ҳамзамон, диссертант бар асоси мутолеаи осори намояндагони адабиёти даврони истиқлол муқаррар кардааст, ки дар шеъри давраи мавриди таваҷҷуҳ баробари такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеър бозтоби мавзуоти муҳимми хоси ин замон, чун ваҳдати миллӣ, сулҳи тоҷикон, бунёди иншооти муҳимми аср, ифтихори миллӣ, худшиносӣ ва амсоли ин нуфуз карда, ба махсусиятҳои мавзуии адабиёти ин давр мубаддал гардиданд. Барои исботи назари хеш намунаҳо аз ашъори шоироне, чун Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Низом Қосим, Камол Насрулло, Рустам Ваҳҳобзода, Сайдалӣ Маъмур, Аҳмадҷони Раҳматзод, Усмон Олим, Давлат Сафар, Адиба, Гулноз, Нуралӣ Нурзод овардаву мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Ҳамзамон, диссертант дар бораи се насли адабии даврони истиқлоли тоҷик сухан карда, муҳимтарин вежагиҳои ҳунариву мавзуии онҳоро муқаррар намудааст, ки ин таснифоти ӯ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Баробари ин, дидгоҳҳои муаллифи диссертатсия дар бораи истилоҳоте, чун "шеъри нав", "шеъри нимоӣ". "шеъри сапед", "арӯзи

озод" низ ҷолиб ба назар мерасанд, ки бар асоси накду назари донишмандони ватаниву хориҷӣ ироа гардидаанд. Мафҳумҳои "шеъри тасвирӣ" ва "тасвир дар шеър" низ бо такя бар назариёти донишмандони гузашта ва баҳсу баррасиҳои пажӯҳишгароне чун Шафеии Кадканӣ, Аскар Ҳаким, Матлубаи Мирзоюнус, Рустам Ваҳҳобзода ва дигарон шарҳу тафсир ёфта, барои исботи андешаҳо аз ашъори шоирони имрӯз намунаҳо оварда шудааст. Дар зимн муаллифи диссертатсия ба хулосае расидааст, ки ҳарчанд бар асоси меёрҳои мухталиф тасвирро донишмандон тасниф намудаанд, вале дар аксари чунин таснифот масъалаи тасвирҳои парадоксӣ аз назарҳо берун мондааст.

Боби дувуми диссертатсия **"Сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиёти тоҷик"** ном дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Диссертант нахуст дар асоси мутолеаи осори назарии классикӣ муқаррар намудааст, ки барои ифодаи маҳфуми тасвирҳои парадоксӣ дар китоби Шамс Қайси Розӣ "Ал-муъҷам" ҳамчун санъати бадеӣ ба шакли таноқис омада ва баъдан Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ низ оро ба ҳамин шакли таноқис ё муноқиса зикр намудааст (Диссертатсия, саҳ. 52). Баъдан бо такя бар андешаҳои Маҳмуди Футуҳӣ, Нуралӣ Нурзод ва дигарон муайян кардааст, ки намунаҳои аввали он дар шеъри давраи куҳани чинӣ ҷой дорад ва аммо ҳамчун санъат ё истилоҳи ифодакунандаи ин навъ тасовир ба сурати "вифоқ" бори аввал аз ҷониби Озоди Балгиромӣ дар китоби "Ғизолон-ул-Ҳинд" ба мушоҳида мерасад. Диссертант таҳлилҳои аз сӯи ин донишманди илми балоғат дар китоби хеш бар асоси шеъри шоирони сабки ҳиндӣ анҷомёфтаро ба ҳукми далел оварда, таъкид мекунад, ки ҳарчанд дар шеъри гузаштаи мо ба гунае намунаҳои ин навъи тасвир ба чашм мерасад, аммо дар сабки ҳиндӣ он ба авҷи хеш расидааст.

Дидгоҳҳои назари донишмандони ғарбӣ ва рус низ роҷеъ ба мафҳуми парадокс ҳамчун навъи тасвир ё воситаи ифодаи андешаву

фикр дар ин бахши рисола ба риштаи таҳлил кашида шуда, муқаррар гардидааст, ки дар тафсирҳои ин пажӯҳишгарон ҷанбаҳои фалсафӣ ва равоншиносии он нуфузи бештар дорад.

Дар идомаи баррасиҳои анҷомдодаи хеш диссертант бо риояи равиши таърихияти баёни фикр баъд аз шеъри классикӣ ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксиро дар шеъри суханварони қарни XX тоҷик мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Бо таҳқиқи шеваҳои зуҳури тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон муҳаққиқ муқаррар кардааст, ки ҳарчанд шеъри давраи Шӯравии тоҷик бештар ба ҷанбаҳои мавзуии хеш имтиёз дорад, аммо вуҷуди тасвирҳои парадоксие дар ашъори ин суханварон аз он паём мерасонад, ки шоирони ин давра низ дар такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеър иқдом намудаанд, ки бояд ба шинохти шеъри марҳилаи мазкури инкишофи шеъри муосир аз дидгоҳи дигар таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад.

Масъалаи аркон ва шеваҳои зуҳури тасвирҳои парадоксӣ низ дар шумули масоили муҳимми назарии шинохти ин падидаҳои ҳунарӣ ба шумор меравад, ки дар фасли савуми ин боб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант бар пояи маърифати дурусти моҳияти тасвирҳои парадоксӣ дақиқ намудааст, ки барои эҷоди ин навъ тасвирҳои унсурҳое, чун ҳиссомезӣ, шахсиятбахшии ашё ва тасвири мафоҳими отифиву маънавӣ нақши муҳим мегузоранд. Дидгоҳҳои хешро муаллифи диссертатсия бар асоси таҳлилу баррасии намунаҳои ашъори шоироне чун Доро Наҷот, Фарзона, Муҳаммадалии Аҷамӣ ва Гулноз собит менамояд.

Боби сеюми диссертатсия “Тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи Истиқлол)” унвон дошта, масъалаҳои асосии мавриди баҳс дар ду фасл ва се зерфасл ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Нахуст диссертант баррасиҳои хешро дар заминаи баҳси марбут ба нақши таъсиргузори тасвирҳои парадоксӣ барои эҷоди маъно ва сабк

дар шеъри давраи истиқлол ҷараён бахшидааст. Мавсуф дар заминаи таҳлилу баррасии намунаҳои ашъори шоироне, чун Низом Қосим, Доро Наҷот, Рустам Ваҳҳобзода, Озар Салим, Давлати Раҳмониён, Нарзуллои Азизиён ва дигарон ба натиҷае расидааст, ки ин суханварони тоҷик чи дар қолиби суннатӣ ва чи нави шеър тасвирҳои нодири парадоксие офаридаанд, ки он барои такмили ҷанбаҳои ҳунарии ашъори эшон таъсири матлуб гузоштааст. Ба таъбири дигар, тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори ин шоирон барои эҷоди сабки суханварӣ ва маъниофарӣ нақши муҳим ва муассир гузоштаанд.

Фасли дувуми ин боб ба таҳқиқи шеъри бонувони суханвар аз назари бозтоби тасвирҳои парадоксӣ дар онҳо бахшида шудааст. Диссертант ба мақоми бонувони тавонои суханваре, чун Гулрухсор, Фарзона, Зулфия, Шаҳрия, Адиба, Гулноз ва дигарон дар ташаккули шеъри муосири тоҷик изҳори назар мекунад ва баъдан масъалаи меҳварии таҳқиқоти хешро дар ашъори се нафар бонувони суханвари муосири тоҷик- Гулрухсор, Фарзона ва Гулноз ба риштаи таҳқиқ мекашад. Бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи хеш ба натиҷае мерасад, ки воқеан дар ин марҳилаи муҳимми адабиёти муосири тоҷик саҳми бонувони суханвар дар такмили ҷанбаҳои ҳунарии хеш, аз ҷумла эҷоди тасвирҳои парадоксӣ хеле зиёд аст ва ҳатто ин масъаларо ӯ дар мисоли тарҷумаҳои ашъори Фарзона низ таҳқиқ кардааст.

Дар Хулосаи диссертатсияи Ризобоева Наргис, ки аз 14 банди назарӣ ва 6 банди амалӣ таркиб ёфтааст, муҳимтарин натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада баён шудаанд. Маълум мегардад, ки дар оянда бар асоси маводи таҳқиқот корҳои зиёди дигари илмиву амалӣ ба анҷом расонидан мумкин аст, ки яке аз онҳо таҳқиқи мустақилона роҷеъ ба шеъри бонувони тоҷик дар замони истиқлол мебошад.

Дар умум, диссертатсия бар асоси мутолеаи маводи фаровони назарӣ, осори суханварони муосир, китобҳои муҳимми илмӣ ба поён расида, аз муҳассаноти зиёде бархӯрдор мебошад. Аммо дар баробари ин дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳое низ ба назар

мерасанд, ки дар оянда ба эътибор гирифтани онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуи муқаддимаи диссертатсия на ҳамаи пажӯҳишҳои анҷомёфта дар ин замина зикр гардидаанд.

2. Хуб мешуд, ки дар ҷараёни таҳлили мафҳумҳои "шеъри тасвирӣ" ва "тасвир дар шеър" нақду назари донишмандони хориҷӣ низ роҷеъ ба ин масъала баён гардида, роҷеъ ба ин масъала як навъи таҳлили муқоисавӣ сурат мегирифт.

3. Дар мавриди ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри классикӣ диссертант таҳлилҳои хуберо анҷом додааст. Вале ба назари мо агар дар бораи ҷойгоҳи тасвирҳои парадоксӣ дар адабиёти тасаввуф низ нукотеро баён медошт, арзиши илмии рисола боз ҳам афзун мегардид, зеро рамзгароӣ дар адабиёти тасаввуф яке аз омилҳои нуфузи ин навъ тасвирҳо гардидааст.

4. Дар фасли дувуми боби савуми диссертатсия тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри бонувони суханвари даврони истиқлол ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ба андешаи мо, агар муаллиф дар баробари ашъори се нафаре, ки ба риштаи таҳқиқ кашидааст, бо овардани чанд намуна роҷеъ ба сурудҳои бонувони суханвари дигар низ андешаҳои худро баён медошт, мувофиқи мақсад мебуд.

5. Дар диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо имлоӣ ва техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори диссертант аст.

Ба андешаи мо, норасоиҳои зикршуда ҳаргиз арзиши илмии пажӯҳиши анҷомёфтаро кам намекунанд. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна таҳти унвони «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» кори анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" аз 29-уми октябри соли 2022, суратҷаласаи №4 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илми филология, дотсент** **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Эксперт:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илми филология,**
**саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик** **Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, Р.Тағаймуродов ва С. Ҳакимовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«29» октябри соли 2022.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**